ФАРМОИШӢ

РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «02» 11 соли 2026 № 398/ф ш. Душанбе

Дар бораи додани дараҷаи илмии номзади илм

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9, сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 6, 114, 115 ва 126 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Ба довталабони дараҷаи илмӣ тибқи рӯйхат (нуҳ нафар) дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии номзади илм дода шавад (рӯйхат замима мегардад).
2. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус (Суҳроб Ҷурахонзода) дипломҳои намунаи давлатии дараҷаи илмиро барасмият дарорад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Аҳлиддин Гулзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Расул Маъруфӣ вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2026, №11

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи олии
аттестатсионии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «02» 11 соли 2026, № 398/қ

Рӯйхати
довталабоне, ки ба дараҷаи илмии номзади илм сазовор дониста шудаанд ва ба онҳо дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмӣ дода мешавад

№	Насаб, ном ва номи падари довталаб	Шурои диссертатсионӣ, ки барои сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илм ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст; дараҷаи илмӣ
1.	Зарифзода Асрор Азиз	6D.KOA-085 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур; номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.13.1. Технология ва васоити механиконии кишоварзӣ
2.	Мадализода Зарина Восид	6D.KOA-050 назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон; номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.11.1. Технологияи маҳсулоти дӯзандагӣ
3.	Саидов Муҳамадаваз Ҳалимҷонович	6D.KOA-050 назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон; номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.11.4. Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом
4.	Юсуфзода Шаҳноза Азизбек	6D.KOA-050 назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон; номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.11.4. Технология ва коркарди аввалияи маҳсулоти нассоҷӣ ва ашёи хом
5.	Холмуродзода Азизбек Холмурод	6D.KOA-080 назди Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини АМИТ; номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.7. Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ
6.	Эраҷи Шерали	6D.KOA-080 назди Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини АМИТ; номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.7. Химияи пайвастаҳои фаромолекулӣ
7.	Мавлонзода Сафарали Ҳикматулло	6D.KOA-011 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.10. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо
8.	Мирзозода Ҷунайдуллоҳ Абдулло	6D.KOA-011 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 1.1.3. Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ
9.	Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло	6D.KOA-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ; номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.33. Геоэкология